Покизагӣ нисфи имон аст. (Савоби лафзи) "алҳамдулиллоҳ" мизон(-и некӣ)-ро пур мекунад. (Савоби лафзи) "субҳоналлоҳ ва алҳамдулиллоҳ" он чи байни замину осмонҳост, пур мекунад

Аз Абумолик, Ҳорис ибни Осими Ашъарӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Покизагӣ нисфи имон аст. (Савоби лафзи) "алҳамдулиллоҳ" мизон(-и некӣ)-ро пур мекунад. (Савоби лафзи) "субҳоналлоҳ ва алҳамдулиллоҳ" он чи байни замину осмонҳост, пур мекунад. Намоз рӯшноӣ аст. Садақа бурҳон(-и имондорӣ) аст. Сабру шикебоӣ равшанӣ(-и имон) аст. Қуръон барои ту ё бар зидди ту ҳуҷҷат аст. Мардумон бомдодон саъйу талош мекунанд, пас касе (бо анҷом додани корҳои нек) ҷонашро (ба Худо) фурӯхта, пас (худро аз азоб) раҳо мекунад ва каси дигаре (бо анҷом додани корҳои зишт) ҷонашро (ба шайтон ва ҳавову ҳаваси худ) фурӯхта, пас (худро) ба ҳалокат мувоҷеҳ месозад"

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Дуруду саломи Аллоҳ бар ӯ бод) хабар медиҳад, ки таҳорат ва покии зоҳирӣ бо обдаст ва ғусл ба даст меояд, ки он худ яке аз шартҳои намоз аст. Инки Паёмбари Худо гуфтанд: "Алҳамду лиллоҳ тарозуро пур мекунад" сано гуфтан ба Парвардигор ва тавсифи Ӯ Таъоло ба сифатҳои камол аст, ки чун рӯзи қиёмат ба тарозу гузошта мешавад тарозуи аъмолро пур мекунад. Ва гуфтани "Субҳоналлоҳ ва Алҳамду лиллоҳ" ба маънои пок ва муназзаҳ донистани Худованд аз ҳамагуна нуқсон аст, ва васфи Ӯ Таъоло ба тамоми сифатҳои комил, ки танҳо сазовори бузургӣ ва ҷалоли Ӯст ва бо доштани муҳаббат ва бузургдошти Худованд, миёни осмон ва заминро пур мекунад. "Намоз нур аст" намоз барои банда нуре аст дар дил, дар чеҳра, дар қабр ва дар рӯзи қиёмат. "Садақа бурҳон аст", садақа далиле аст бар сидқи имони муъмин ва тафовути ӯ аз мунофиқ, ки аз садақа додан худро бозмедорад, зеро ба савоби он бовар надорад. Ва "Сабр равшанӣ аст" - яъне худдорӣ аз тарс ва норизоятӣ- он нурест, ки бо худ гармӣ ва сӯзиш дорад, ҳамоно монанди нури офтоб, зеро он душвор аст ва ниёз ба худдорӣ аз хоҳишотро дорад. Аз инҷост, ки соҳибсабр ҳамеша дар равшанӣ ва дар роҳи дуруст аст. Сабр худ, собир будан дар тоъати Худованд ва дур будан аз маъсияти Ӯ Таъоло ва сабр дар мушкилот ва мусибатҳои дунявӣ аст. "Қуръон ҳуҷҷат барои (ба фоидаи) ту аст", яъне бо тиловат кардану амал кардан ба он. Ва "Ҳуҷҷат аст бар алайҳи ту" яъне тарк кардани тиловат ва амал накардан ба он. Сипас Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд, ки мардум ҳама аз хоб бедор шуда ба мақсади анҷоми корҳои худ аз хона берун мешаванд. Сипас бархе роҳи ростро интихоб намуда худро аз оташи дӯзах наҷот медиҳанд ва бархеи дигар аз роҳи рост мунҳариф гашта бо анҷоми гуноҳон худро сазовори дӯзах мегардонанд.